Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146, www.tajagroun.tj

ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ дар мавзуи «Самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии кишлоқ (дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ

1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Кори диссертатсионии Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ дар мавзуи «Самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии кишлоқ (дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон)» ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси КОА (илмҳои иқтисодӣ) 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мувофиқат мекунад: 1. Назарияи муносибатҳои аграрӣ, аз он ҷумла замин, об; рушди шакл ва муносибатҳои моликият дар кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои КАС, 9. Самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои КАС, 13. Механизмҳои ташкилӣ ва иқтисодии хоҷагидорӣ дар КАС, ҷабҳаҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии равандҳои технологӣ дар кишоварзӣ, 28. Арзёбии методологии самаранокии фаъолияти корхонаҳои (хоҷагиҳои) КАС, 35. Ташаккул ва рушди комплекси агросаноатӣ дар низоми диверсификатсияи иқтисодиёти миллӣ, 42. Ташаккул ва рушди ҳамгироӣ дар соҳаи кишоварзӣ.

2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Мубрамии мавзуи интихобшудаи кори илмӣ бо он асоснок мегардад, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ва тағйирёбии муҳити иқтисодӣ масъалаи ҷойгиркунии оқилона ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии кишлоқ

аҳамияти калидӣ пайдо намудааст. Самаранокии истифодаи захираҳои замин, меҳнат ва сармоя бевосита ба дараҷаи асоснокии ҷойгиркунӣ ва сатҳи махсусгардонии истеҳсолот вобаста мебошад.

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030» таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди устувори бахши аграрӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти кишоварзӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок муайян гардидаанд. Дар ин замина, оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ ҳамчун омили баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва афзоиши ҳаҷми маҳсулоти бозоргир баромад мекунад.

Соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои калидии иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бо назардошти хусусияти аграрии кишвар ва саҳми назарраси он дар таъмини шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ба масъалаи стратегии давлатӣ табдил ёфтааст. Дар ин асно, ҷойгиркунии оқилонаи истеҳсолот бо дар назардошти шароити табиӣ-иқлимӣ, захираҳои обӣ, замин ва қувваи корӣ нақши муҳим мебозад.

Вилояти Хатлон ҳамчун яке аз минтақаҳои асосии кишоварзии кишвар дорои иқтидори бузурги истеҳсолӣ мебошад. Иқлими мусоид, заминҳои обёришаванда ва таҷрибаи анъанавии аҳолӣ дар парвариши зироатҳои гуногун (аз ҷумла пахта, ғалладона, сабзавот ва полезӣ) имконият медиҳанд, ки истеҳсолот дар асоси принсипҳои махсусгардонӣ ва мутамарказонӣ ба роҳ монда шавад. Аммо дар амал мушкилоти истифодаи ғайриоқилонаи захираҳо, парокандагии истеҳсолот, паст будани ҳосилнокӣ ва сатҳи нокифояи технологияҳои муосир ба назар мерасанд.

Ғайр аз ин, тағйирёбии иқлим, афзоиши аҳолӣ ва маҳдуд будани захираҳои табиӣ зарурати ҷорӣ намудани усулҳои илмӣ-асосноки банақшагирӣ ва идоракунии истеҳсолотро ба миён мегузорад. Дар чунин шароит, таҳқиқи масъалаи самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ

ва махсусгардонӣ дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон имкон медиҳад, ки моделҳои самараноки рушди минтақавӣ таҳия гардида, барои дигар минтақаҳои кишвар низ тавсияҳои амалӣ пешниҳод карда шаванд.

Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур мубрам ва саривақтӣ мебошад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд. Таҳлили амиқи кори илмии тақризшаванда нишон медиҳад, ки диссертатсияи Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзиро таҳқиқ намуда, пешниҳодҳои асосноки илмӣ ироа кардааст:

-моҳияти иқтисодии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии кишлоқ дар шароити бозор дақиқ гардидааст;

-усулҳои арзёбии самаранокии иқтисодии ҷойгиркунӣ такмил дода шудаанд;

-имконияти истифодаи таҷрибаи хориҷӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ дар асоси оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ пешниҳод гардидааст;

-омилҳои асосии таъсиррасон ба самаранокии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонӣ гурӯҳбандӣ шудаанд;

-самтҳои дурнамои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагиии қишлоқ, модели оптималии ташкили истеҳсолот бо дарназардошти хусусиятҳои захиравӣ ва табиӣ-иқлимии вилояти Хатлон пешниҳод гардидааст.

Аз ин рӯ, чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки муаллиф барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда ба натиҷаҳои назарраси илмӣ даст ёфтааст.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда. Асоснокии хулосаву тавсияҳои дар диссертатсия

зикршуда шаҳодат аз он медиҳанд, ки муаллиф аз асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷӣ дар соҳаи иқтисодиёти кишоварзӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои иқтисодии таҳлил васеъ истифода шудаанд ва хулосаву пешниҳодҳо дар асоси ҷамъоварӣ, сохторбандӣ ва коркарди захираҳои иттилоотии дақиқ бо истифодаи воситаҳои технологияи иттилоотии муосир ба анҷом расидааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои муаллиф интишор ёфтаанд, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро низ тасдиқ менамоянд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ба истифодаи васеи сарчашмаҳои илмии ватанию хориҷӣ, маълумоти омории расмӣ ва усулҳои муосири таҳлили иқтисодӣ такя менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сохторӣ, муқоисавӣ ва иқтисодӣ-риёзӣ таҳия гардидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфта, эътимоднокии онҳо бо нашр дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ гардидааст.

5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар такмили заминаҳои методии тавсияҳои пешниҳодшудаи муаллиф оид ба оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон зоҳир мегардад.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар фаъолияти мақомоти идоракунии соҳаи кишоварзӣ, таҳияи барномаҳои минтақавии рушд ва инчунин дар раванди таълим дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқот дар баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо, афзоиши даромаднокии хоҷагиҳои кишоварзӣ ва таъмини рушди устувори деҳот ифода меёбад.

6. Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, мазмунан ба талаботи корҳои илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалӣ асоснок карда шудаанд.

Дар боби якум **«Ҷабҳаҳои назариявии ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва самаранокии он дар хоҷагиҳои қишлоқ»** (саҳ. 15-78) асосҳои назариявию методии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии кишлоқ баррасӣ гардидаанд.

Диссертант фикру ақидаҳои олимони соҳаи иқтисодиро оид ба мафҳум ва моҳияти «ҷойгиркунӣ » гирд оварда (саҳ. 35-36, ҷадвали 1.1.), ақидаи муаллифии худро оид ин мафҳум чунин қайд менамояд: «Раванди ҷойгиркунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бояд бо дарназардошти шароити табиӣ, иқлимӣ, захираҳои об, замин ва неруи меҳнатӣ амалӣ карда шуда, ба баланд бардоштани ҳаҷми маҳсулот истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, коҳиши хароҷоти нақлиёт ва ҳифзи муҳити зист мусоидат мекунад».

Дар баробари ин, унвонҷӯ дар асоси таҳлили ақидаҳои олимони хориҷӣ оид ба мафҳум ва моҳияти «махсусгардонӣ» - и истеҳсолоти кишоварзӣ ба хулосае омадааст, ки «махсусгардонӣ - ин ифодаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат бо назардошти истифодаи қонунҳои иқтисодӣ, шароити табию иқтисодӣ, ташкили ҷойгиркунии зироатҳо дар хоҷагӣ (минтақа) ва доштани афзалият дар ҳаҷми маҳсулоти умумӣ, маҳсулоти молӣ ё майдони умумии кишти зироатҳо дар як давраи муайян аст» (саҳ. 39-40, ҷадвали 1.2.).

Ҳамзамон, дар зербоби 1.2 «Ҷанбаҳои методологӣ ва баҳодиҳии самаранокии иқтисодии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ» муаллиф муносибати худро оид ба моҳияти

«оптималикунонӣ (муносибгардонӣ)-и истеҳсолоти кишоварзӣ низ муайян намуда, ин мафҳумҳоро ба маънои бо хароҷоти камтарини воситаҳои истеҳсолот ва меҳнат бо дастоварии миқдори ҳадди аксари маҳсулоти хушсифат бо нигоҳ доштан ва ҳатто баланд бардоштани ҳосилхезии хок маънидод кардааст (сах. 43, ҷадвали 1.3.).

Дар баробари ин, муаллифи диссертатсия дар шакли расм омилҳои таъсиркунанда ба низоми ҷойгиркунии зироатҳои кишоварзӣ (сах.52, расми 1.3.), унсурҳои оптималикунонии хоҷагии қишлоқро (сах.55-56, расмҳои 1.4. ва 1.5.) пешниҳод намудааст.

Дар зербоби 1.3. муаллифи диссертатсия таҷрибаи кишварҳои хориҷиро оид ба ташкили ҷойгиркунӣ, махсусгардонӣ ва зарурати оптималикунонӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор дода, имкониятҳои истифодаи унсурҳои алоҳидаи онро дар амалияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок намудааст.

Дар боби дуюм **«Баҳодиҳии сохтори ҷории ҷойгиркунии соҳаи кишоварзии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон »** (с.79 - 140) таҳлили ҳолати муосири ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолот дар хоҷагиҳои вилояти Хатлон гузаронида шуда, роҳҳои таъмини самаранокии он дар асоси гуногунсозии (диверсификатсия) иқтисодӣ асоснок мегарданд.

Унвонҷӯ дар таҳқиқоти худ такя ба маълумотҳои оморӣ карда, динамикаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, таркиби маҳсулоти кишоварзиро дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон таҳқиқ намуда, ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст.

Дар баробари ин, муаллифи диссертатсия самаранокии истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзиро арзёбӣ намуда, ба хулоса меояд, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ парвариши сабзавот аз ҳама самаранок аст. Аммо ба ақидаи диссертант, масоҳати қитъаи заминҳое, ки барои парвариши пахтаи маҳиннах мувофиқ ҳастанд, бояд нигоҳ дошта шаванд.

Яке самтҳои арзишманди диссертатсия он маҳсуб меёбад, ки

диссертант тавонистааст, ҳиссаи шаҳру ноҳияҳоро дар майдони умумии зироатҳо, дар арзиши маҳсулоти умумии хоҷагии қишлоқи вилояти Хатлон муқоиса намуда, оид ба лоиҳаи дурнамои сохтори майдони кишт таклифу пешниҳодҳои илмиро асоснок намояд.

Дар зербоби 2.2. диссертатсия муаллиф соҳаи чорводориро таҳлил намуда, сохтори муносиби самараноки онро дар вобастагӣ аз соҳаи растанипарӣ пешниҳод намудааст.

Дар боби сеюм **«Самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ва абзори оптималикунонии онҳо»** бо дарназардошти тағйирёбии иқлим самтҳои асосии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва дурнамои махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ пешниҳод гардидаанд (саҳ.141-179).

Аз таҳлилҳои гузаронидаи муаллиф чунин хулоса бармеояд, ки бо истифода аз таҷрибаи пешқадами хоҷагиҳои ноҳияҳои ғаллапарварии ҷумҳурӣ (н.Данғара, н.Муъминобод, н.Евон ва ғ.) имконияти аз ин ҳам зиёд кардани ғалладонагиҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба мушоҳида мерасад (саҳ.154).

Дар кори диссертатсионӣ муаллиф тавонистааст, ки дурнамои тавозун ва таъмини аҳолии вилояти Хатлон то соли 2040 - ро аз рӯйи намудҳои маҳсулоти ғалладонагӣ (саҳ., ҷадвали 3.2), сабзавот, зироати полезӣ (саҳ. 155 - 156, ҷадвали 3.3.), гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ (саҳ.159, ҷадвали 3.5.) муайян намояд.

Ҳамзамон, дар диссертатсия амсилаи дурнамои ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ бо дарназардошти тағйирёбии иқлим барои воҳидҳои ҳудудии вилояти Хатлон таҳия ва асоснок гардидааст.

Дар **хулоса ва пешниҳодҳои** кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба

ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти кишоварзӣ дар шароити диверсификатсия пешниҳод шудааст.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.

Ба андешаи мо дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбат баъзе камбудиҳои алоҳида, андешаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд ва баъзеи онҳо лозим ба қайд мебошанд, ба монанди:

1.Модели пешниҳодшудаи оптималикунонии ҷойгиркунӣ метавонист бо ҳисобҳои муфассалтари иқтисодӣ-риёзӣ тақвият дода шавад.

2. Дар таҳлил баъзе нишондиҳандаҳои дурнамои рушди зерсоҳаҳои алоҳида пурра инъикос нашудаанд.

3. Ҳисоб намудани самараи маҷмуии иқтисодӣ дар мисоли хоҷагиҳои мушаххас сатҳи амалигардонии пешниҳодҳоро баланд мебардошт.

4. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои техникӣ ва услубӣ ба назар мерасанд.

Қобили зикр аст, ки эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳаммияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

7. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти мазкур дар 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳое, ки ба номгӯйи нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд. Ин ҳолат иҷро гардидани талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»-ро тасдиқ менамояд.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Барасмиятдарории диссертатсияи тақризшаванда ва автореферати он мувофиқи талаботи «Дастурамал оид ба тартиби

барасмиятдарории диссертатсияҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ» сурат гирифтааст.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионирo дар худ инъикос намудааст ва дар он тавсифи умумии кор, муҳтавои асосии диссертатсия, навгониҳои илмӣ, ки ба ҳимоя бароварда мешаванд, ҷой дода шудааст.

9. Хулосаи умумӣ ба диссертатсия. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ дар мавзуи «Самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии кишлоқ (дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон)» таҳқиқоти мустақилона анҷомёфта ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад. Он ба талаботи санадҳои меъёрии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи менеҷмент ва
маркетинги Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Раҳимов Ҷ.О.

Имзои Раҳимов Ҷ.О.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДССТ Ҷураев Ш.Н.
17.02.2026

Суроға: *ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5, 734055,*
Тел: +99299234-88-02, Факс 234-88-02;
Web: https://iutet.tj/, E-mail: dsx_ips@mail.ru